# ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «05» 04 2023 с. №31

Дар бораи Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии
ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

130. 230. 000.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» ва банди 9 Низомномаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2008, №191 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Шуъбаи матбуот ва иттилоот барои дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Воҳидҳои сохторӣ ва ташкилотҳои зертобеи Вазорат иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.
6. Фармоиши вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №121 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиш, бақайдгирӣ ва ҳифзи ҳайвоноти кишоварзӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.
7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Ҳакимзода Қурбон

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1230
«6» 05 с.2023

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «05» 04 с.2023 №31

О Правилах и формы учета сельскохозяйственных племенных животных

130.230.000.

В соответствии со статьей 7 Закона Республики Таджикистан «О племенном деле» и пункта 9 Положения Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, утвержденным постановлением Правительства Республики Таджикистан от 26 апреля 2008 года, №191,

РАСПОРЯЖАЮСЬ:

1. Утвердить Правила и формы учета сельскохозяйственных племенных животных (прилагается).
2. Настоящее распоряжение представить в Министерство юстиции Республики Таджикистан для государственной регистрации.
3. Настоящее распоряжение ввести в действие после государственной регистрации и официального опубликования.
4. Отделу печати и информации принять меры по опубликованию настоящего распоряжения в газетах «Джумхурият».
5. Структурным подразделениям и подведомственным организациям Министерства обеспечить выполнение настоящего распоряжения.
6. Признать утратившим силу распоряжение министра сельского хозяйства Республики Таджикистан от 25 октября 2022 года, №121 «О Правилах проведения проверки, регистрации и защиты сельскохозяйственных животных».
7. Контроль за исполнением настоящего распоряжения возложить на заместителя министра - куратора отрасли.

Министр Хакимзода Курбон

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1230
«6» 05 с.2023

Замима
ба фармоиши
вазири кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «5» 04 соли 2023, № 31

Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ (минбаъд - Қоидаҳо) тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» таҳия карда шуда, қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзиро муайян менамояд.

2. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - ҳама намуди зотии чорво, паранда, моҳӣ, кирми пилла, занбӯри асал, ки онҳоро инсон парвариш менамояд ва ба истеҳсолоти кишоварзӣ муносибати бевосита доранд;

- намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - гурӯҳи ҳайвоноти кишоварзие, ки аз рӯйи дараҷаи зоҳиршавии аломатҳо дар натиҷаи татбиқи генотипҳо ё комбинатсияи генотипҳо зоҳир гардида, аз ҳама гуна гурӯҳҳои дигари ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо дараҷаи зоҳиршавии ақаллан яке аз аломатҳо фарқ мекунанд, ҳамчун ҷузъи ягона аз нуқтаи назари қобилияти парвариш ва маҳсулнокии комили ин намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ баррасӣ мешавад;

- баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - номнавис намудани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- аломатҳои муфид (арзишнок барои парвариш ва истифода) - аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагӣ арзишноки намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки барои парваришкунандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ё истифодакунандаи маҳсулоти ниҳоии он муфид мебошанд ва маҳз барои он аломатҳо намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ парвариш меёбад;

- аломатҳои мушаххаскунандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - аломатҳои фарққунандагӣ, ҳамгунӣ ва устувории (ФҲУ) (минбаъд - фарққунандагӣ, ҳамгунӣ ва устуворӣ) намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ. Ба аломатҳои мушаххаскунандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аломатҳои зоҳирӣ ё мансубият доштан ба зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ шомил мебошанд. Баҳри омӯзиши аломатҳои муайянкунандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ усулҳои ҷадиди биологияи молекулавӣ, аз қабили электрофорез ва технологияи кислотаи дезонуклеинат, истифода мешаванд;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РЕЕСТРИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“___” __________ с.20_____

- селексионер - шахсе, ки намуди нави ҳайвоноти кишоварзиро баровардааст ё намуди наверо кашф карда, такмил додааст, ё ин ки корфармо ё ворисони ҳуқуқии онҳо;

- феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - феҳристи расмие, ки ба он намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ барои истеҳсол ва истифода иҷозатдодашуда ба ҳисоб гирифта мешавад. Инчунин дар феҳристи мазкур бо дархости селексионер (оригинатор) намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳифз карда мешавад, ки ин намудҳо қиммати аломатҳои муфид надошта, аз рӯйи аломатҳои мушаххаскунандаи намуд нисбат ба намудҳои пешин фарқият доранд;

- мақоми ваколатдор - Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баҳисобгирии намудҳои ҳайвоноти кишоварзиро амалӣ менамояд;

- нигаҳдории намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - маҷмуи чорабиниҳои ба афзункунии маводди ибтидоии намуди баҳисобгирифташуда равонагашта, ки имкон медиҳанд аломатҳои намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз тавсифи расмии намуд ҳангоми баҳисобгирии он дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ фарқ накунанд;

- нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ҳайси масъул барои нигаҳдории намуд ба ҳисоб гирифта шудааст;

- дархосткунанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои ба ҳисоб гирифтани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба мақоми ваколатдор тибқи шакли муқарраргардида (замимаи 4 ба Қоидаҳои мазкур) дархост пешниҳод менамояд;

- азнавбаҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ - такроран ба ҳисоб гирифтани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ баъд аз тамом шудани муҳлати баҳисобгирӣ ё баъди аз ҳисоб баровардани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- намуди номзад - намуди ҳайвоноти кишоварзие, ки барои ба ҳисоб гирифтани он ба феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дархост пешниҳод шудааст;

- тавсифи расмӣ - тавсифи ҳайвоноти кишоварзии баҳисобгирифташуда (тавсифи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ), ки дар асоси натиҷаҳои санҷиши аломатҳои мушаххаскунандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ тартиб дода мешавад;

- нутфа - ҳосили чорво, ки барои такрористеҳсолкунии намудҳои чорво истифода мешавад.

3. Баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо мақсади бо зот ва намудҳои беҳтарини ҳайвоноти зотии кишоварзӣ таъмин намудани истеҳсолоти кишоварзӣ гузаронда мешавад. Дар баробари ба ҳисоб гирифтани намуди нави ҳайвоноти зотии кишоварзӣ кафолат дода мешавад, ки он ба талаботи маҳаллии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷавобгӯ аст

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"___" ____________ с.20_____

ва нисбат ба дигар намудҳои парваришшаванда аз ҷиҳати аломатҳои муфид афзалият дорад.

4. Мақсадҳои баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз инҳо иборатанд:

- ҳимояи манфиатҳои давлат аз воридот ва истифодаи намудҳои тасодуфӣ ва пастсифат;
- мусоидат баҳри дар истеҳсолот ҷорӣ намудани зот ва намудҳои нави хушсифат, ки дар Тоҷикистон ё дигар давлатҳо бароварда шудаанд;
- таъмини интихоби озодонаи зот ва намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз ҷониби чорводорон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
- таъмини нигоҳдории дурусти намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар тамоми давраи дар истифода қарор доштани он;
- таъмини гузоштани номи дуруст ба навъи тиҷоратӣ ва ҳифзшавандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ.

## 2. ҲАЙАТ ВА ВАКОЛАТҲОИ КОМИССИЯ ОИД БА ШАКЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ҲАЙВОНОТИ ЗОТИИ КИШОВАРЗӢ

5. Фаъолияти низоми баҳисобгирӣ ва ҳифзи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ таҳти назорати Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Вазорат) қарор дорад. Вазорат фаъолияти низоми баҳисобгирӣ ва ҳифзи ҳайвоноти кишоварзиро танзим менамояд.

6. Мақоми ваколатдор зотҳои нави ҳайвоноти кишоварзиеро, ки дар шароити Тоҷикистон парвариш меёбанд ва дорои аҳамияти иқтисодӣ мебошанд, аз санҷишҳои расмӣ мегузаронад. Номгӯйи ин намудҳои чорво дар замимаи 1 ба Қоидаҳои мазкур пешбинӣ карда шудааст.

7. Бо мақсади танзими фаъолияти баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар Вазорат Комиссияи тасдиқи тип ва зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ (минбаъд - Комиссия) таъсис дода мешавад, ки он нисбати масъалаҳои баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ қарор қабул менамояд.

8. Ҳайати Комиссия аз ҷониби Вазорат тасдиқ карда мешавад. Комиссия аз ҳисоби ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони Вазорат, олимон ва кормандони муассисаҳои илмӣ, инчунин мутахассисони зертобеи Вазорат иборат мебошад.

9. Вазорат барои гузарондани шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ амалҳои зеринро иҷро менамояд:

- қабули дархостҳо барои баҳисобгирии намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- қабули намунаи нутфаи чорвои номзад;
- омӯзиши аломатҳои мушаххаскунандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- тайёр намудани тавсифи расмии намуди номзад;
- тартиб додани ҳисобот оид ба ҳар як намуди номзад барои пешкаш намудан ба Комиссия;

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ______
"___" __________ с.20_____

- натиҷагирии қабул ё инкор намудани намуди номзад;

- тартиб додани дастурҳои услубӣ ва аломатҳои муфиди намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- ташхиси дархости баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва номи ба он пешниҳоднамудаи дархосткунанда;

- омӯзиш, тасдиқ ва ё рад намудани дархост ҷиҳати баҳисобгирии номи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ.

10. Дар асоси қарори Комиссия Вазорати кишоварзӣ феҳристи намуди ҳайвоноти кишоварзиро тибқи замимаи 2 ба Қоидаҳои мазкур пешбинишуда тартиб дода, тағйирот ворид намуда, соле як маротиба ба таври расмӣ ба забони давлатӣ нашр ва дастрасӣ омма менамояд.

11. Вазорат ҳар як дархостро бо ҷой доштани маълумотҳои зерин ба ҳисоб мегирад:

- санаи пешниҳоди дархост ба мақоми ваколатдор ва рақами баҳисобгирии он;

- санаи нашри маълумоти муфассал оид ба дархост;

- ному насаб ва суроғаи дархостдиҳанда;

- тавсифномаи аломатҳои намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки дархостдиҳанда пешниҳод мекунад;

- номи ба намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз ҷониби дархосткунанда пешниҳодшуда;

- дигар маълумоти дахлдори пешниҳодгардида.

12. Барои ҳар як намуди ба феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дохилшуда Вазорат маълумоти зеринро ба ҳисоб мегирад:

- намуд, ном ва тавсифи расмии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- санаи баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва тамоми ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта шудааст;

- санаи ба анҷом расидани мӯҳлати баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- ному насаб ва суроғаи нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- бекор намудан ва ё тағйир додани нигаҳдорандаи намуд;

- номи ҳар гуна шахсе, ки хоҳиши аз нав ба ҳисоб гирифтани ҳайвоноти зотии кишоварзиро дорад, ки баҳисобгирии он мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур амалӣ гардидааст;

- ҳама гуна маълумоти дигари дахлдор.

13. Ҳангоми зарурат, барои муқаррар намудани аломатҳои фарққунандагии намуди номзад, санҷиши волидони намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ё намунаҳои барои истеҳсоли дурага истифодашаванда ва намудҳои истифода аз ҷанин низ гузаронда мешавад. Агар дархосткунанда талаб намояд, пас Вазорат кафолат медиҳад, ки ҳама маълумоти бадастомада махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

14. Вазорат бояд мунтазам дар нашрияҳои ҷории худ маълумоти зеринро нашр намояд:

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"____" ____________ с.20______

- дархостҳо барои баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, инчунин санаи қабули дархост ва номи ба ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда;

- баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва санаи баҳисобгирӣ;

- бекор намудани дархостҳо барои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- рад намудани дархостҳо барои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- тағйирот дар рӯйхати шахсон (дархосткунандагон, дорандагони ҳуқуқ ва иштирокдорони чараёни супоридани дархост);

- қатъи баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;

- эълонҳои расмии баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ.

15. Вазорат баъд аз нашр шудани маълумот дар нашрияҳои чопии худ онро бо истифода аз низоми электронӣ дастраси умум мегардонад.

17. Нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ уҳдадор аст, ки ҳайвоноти зотии кишоварзиро дар тули тамоми давраи дар ҳисоб буданаш тавре нигоҳ дорад, ки аломатҳои тавсифи расмии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, рақами ба ҳисоб гирифтани он дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пурра нигоҳ дошта шаванд.

18. Нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳамаи наслҳои ҳайвоноти зотии кишоварзии нигаҳдошташавандаро ба ҳисоб мегирад ва ин қайдҳояшро дар ҳолати аз ҷониби Вазорат талаб намудан, ройгон пешниҳод менамояд ва ҳангоми пайдо шудани зарурат, ба Вазорат намунаи нутфа ё маводди зоти нигаҳдорандаашро ройгон дастрас менамояд.

19. Дар тули тамоми давраи дар ҳисоб будани ҳайвоноти зотии кишоварзӣ нигаҳдорандаи он бояд ҳамаи маълумотро оид ба ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба Вазорат пешниҳод намояд.

20. Дархосткунанда номи нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзиро бояд дар дархости баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ мушаххас намояд. Барои тағйир додани номи нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ё барои ба ҳисоб гирифтани шахси дигар ҳамчун нигаҳдорандаи иловагии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бояд ба Вазорат дархост пешниҳод карда шавад (замимаҳои 9 ва 10 ба Қоидаҳои мазкур).

21. Дар ҳолати ба Вазорат ворид шудани дархост ҷиҳати ивазшавӣ ё илова шудани шахси дигар ҳамчун нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ин дархост омӯхта мешавад. Мақоми ваколатдор нисбати чунин дархост дар он ҳолат қарори мусбат қабул мекунад, ки агар шахси ба сифати нигаҳдорандаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда (ё ҳама гуна шахси ӯро ивазкунанда ё шахси иловагии барои нигоҳдории ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда) қобилият ва воситаҳои заруриро барои нигаҳдории ҳайвоноти зотии кишоварзӣ мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур дошта бошад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ МЕЪЁРИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"____" ____________ с.20____

22. Вазорат ба дархостдиҳанда оид ба қабули қарор мутобиқи Қоидаҳои мазкур ва дар ҳолати қабули қарори манфӣ, оид ба сабабҳои он маълумот медиҳад.

23. Агар нигаҳдорандаи намуд ва зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо сабабҳои гуногун иваз карда шавад ва агар ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳанӯз дар истифода қарор дошта бошад, пас Вазорат бояд шахси дигареро муайян намояд, ки вазифаи нигаҳдорандаи намуд ва зоти ҳайвоноти кишоварзиро мутобиқи талаботи Қоидаҳои мазкур иҷро карда тавонад.

24. Вазорат номгӯй, намуд ва зотҳои ҳайвоноти кишоварзии барои нигаҳдории онҳо мутасаддиро тартиб дода, нигоҳ медорад. Номгӯйи мазкур бо назардошти баҳисобгирии ҳайвоноти кишоварзии нав ва аз ҳисоб баровардани ҳайвоноти зотии кишоварзӣ мунтазам нав карда мешавад.

## 3. ТАРТИБИ БАҲИСОБГИРИИ ЗОТ ДАР ФЕҲРИСТИ НАМУДҲОИ ЧОРВОИ ЗОТӢ

25. Вазорат дархостро оид ба баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ (минбаъд - дархост) дар давоми сол мувофиқи ҷадвали солонаи нашрнамуда қабул менамояд (замимаи 6 ба Қоидаҳои мазкур).

26. Селексионер ё намояндаи ваколатдори ӯ ба Вазорат барои баҳисобгирии намуд ва зоти ҳайвоноти кишоварзии нав дар феҳристи навъҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳуҷҷатҳои заруриро дар ду нусха дар шакли зерин пешниҳод мекунад:

- дархост барои баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба феҳристи чорвои зотӣ (замимаи 4 ба Қоидаҳои мазкур);
- варақаи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки дар он маълумоти пурра дар бораи аломатҳои муфиди намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо назардошти талаботи махсус вобаста аз ҳар як намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ оварда мешавад (замимаи 4 ба Қоидаҳои мазкур);
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи пешниҳоди дархост (барои намояндагони селексионер);
- аксҳои рангаи ҳайвоноти кишоварзии пурра инкишофёфта, авлод, оила. Андозаи аксҳо 9x12 см, таги акс сафед, дар қиёс бо ҷадвал ё ягон ченаки андозадори дигар гирифташуда, дар пушти ҳар як акс бояд номи зот, имзои муаллиф ва муҳр (агар дархосткунанда шахси ҳуқуқӣ бошад) гузошта шавад.

27. Дархосткунанда пас аз гирифтани тасдиқи қабули дархосташ аз мақоми ваколатдор намунаи нутфа ё ҳайвоноти зотии кишоварзиро дар муҳлати муқарраршуда ва ба миқдори муайян, ки дар санад (замимаи 7 ба Қоидаҳои мазкур) оварда шудааст, равон мекунад.

28. Намунаи чорвои аз ҷониби дархосткунанда равоншаванда бояд ба талаботи бандҳои аз 46 то 52 Қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ бошад.

29. Дархост барои баҳисобгирии зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳолате қабул карда мешавад, ки

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РБ № ______
"___" __________ с.20_____

дархосткунандаи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи ваколатдор дошта бошад.

30. Ном бояд имкон диҳад, ки аз дигар зотҳо фарқ карда шавад. Номи зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ наметавонад танҳо аз рақамҳо иборат бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки он ба таҷрибаи қабулшудаи номи зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ мувофиқат намояд.

31. Номи зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки аз ҷониби дархосткунанда пешниҳод шудааст, қобили қабул ҳисобида намешавад, агар он:

- барои истифодабарандагон мураккаб ва ифодаи мушкил дошта бошад;
- ба номи дигар зоти чорво ҳамин намуд ё намуди ба он наздик бошад ё сабаби саҳв кардан бо номи дигар намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ гардад;
- ба номи дигар маҳсулоти тиҷоратӣ монанд бошад ё сабаби саҳв кардан бо номи тиҷоратии дигар маҳсулот гардад;
- таҳқиркунанда ё мухолифи ахлоқи ҷомеа бошад;
- сабаби нофаҳмӣ ё саҳв дар тавсиф, муфидӣ ва мушаххасгардонии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ гардад.

32. Агар номи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз тарафи Вазорат маъқул дониста нашавад, пас намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта намешавад. Дар ин ҳолат, Вазорат ба дархосткунанда ба таври хаттӣ маълум менамояд, ки бо кадом сабаб номи пешниҳоднамудаи ӯ қобили қабул нест. Пас дархосткунанда ҳуқуқ дорад дар давоми 3 моҳ ба Вазорат номи дигари ба намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ додаашро пешниҳод намояд (замимаи 11 ба Қоидаҳои мазкур).

33. Дар дохили ҳар як намуду гурӯҳи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ истифодаи номи якхела ва ё монанд иҷозат дода намешавад. Номи зот тарҷума намешавад, аз ин рӯ, номи зотҳои хориҷӣ танҳо бо ҳуруфи кириллӣ, бе тарҷума навишта мешаванд.

34. Селексионери ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳуқуқ дорад, ки ба номи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ то ба ҳисоб гирифтани он дар феҳристи чорвои зотӣ тағйирот ворид намояд. Барои ворид намудани тағйирот ба номи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба Вазорат бояд тариқи намунаи замимаи 12 ба Қоидаҳои мазкур пешбинишуда дархост пешниҳод карда шавад. Баъди ба ҳисоб гирифтани намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ иҷозат дода намешавад, ки ба номи он тағйирот ворид гардад.

35. Пас аз қабули дархост барои баҳисобгирии намуди зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва нашри он аз ҷониби Вазорат шахсони сеюм дар давоми се моҳ пас аз нашри номи зот, метавонанд нисбати он арзу шикоят баён намоянд. Ин гуна эътироз бояд ба таври хаттӣ ва бо баёни муфассали сабаби арзу шикоят ба Вазорат пешниҳод гардад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"___" ____________ с.20_____

36. Дархост дар китоби қайдҳо (замимаи 6 ба Қоидаҳои мазкур) якҷо бо маълумоти зерин ба қайд гирифта мешавад:

- номи тоҷикии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- номи лотинии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- номи ба намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда;
- рақами рамзии селексионер;
- ному насаби дархосткунанда, суроғаи ӯ ва суроға барои мукотиба;
- ному насаб ва суроғаи нигаҳдорандаи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- ному насаб ва суроғаи селексионер (агар дархосткунанда худи селексионер набошад);
- мамлакате, ки дар он намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бароварда шудааст.

37. Баррасии пешакии дархост дар давоми як моҳ баъди қабули он аз ҷониби Вазорат гузаронда мешавад. Муҳлати ташхиси пешакиро дар ҳолати пеш омадани зарурати дастрас намудани маводди иловагӣ ва дақиқкунанда дароз намудан мумкин аст.

38. Ҳангоми гузарондани баррасии пешакии дархост Вазорат мавҷуд будани ҳуҷҷатҳо ва ба талабот ҷавобгӯ будани онҳо, инчунин саҳеҳияти маълумоти дар дархост пешниҳодшудаи зеринро меомӯзад:

- мутобиқати муҳр ва имзои дархосткунанда;
- мутобиқати номи ба намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда ба талаботи бандҳои 30 -35 Қоидаҳои мазкур;
- дар ҳолатҳои зарурӣ, мавҷудияти ҳуҷҷати зарурӣ барои парвариш намудани намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ мутобиқи қонунгузорӣ.

39. Дар сурати мутобиқи дархост, аллакай омӯзиши аломатҳои мушаххаскунандаи зот дар дигар давлат гузаронда шуда бошад ё гузаронда мешуда бошад, пас бо дархосткунанда оид ба истифодаи натиҷаи ин омӯзиш қарордод баста мешавад ва дар ҳолати зарурӣ ба истифодаи натиҷаҳои санҷиш розигӣ дода мешавад.

40. Зимни гузарондани баррасии пешакии дархост муқаррар гардад, ки дархост ба талабот ҷавобгӯ нест, пас Вазорат дархосткунандаро оид ба камбудиҳои ҷойдошта ба воситаи мактуб хабардор карда, талаб мекунад, ки онҳоро дар муддати як моҳ ислоҳ намояд. Агар дархосткунанда дархост намояд, ки муҳлати пешниҳодшуда барои ислоҳи ҳуҷҷатҳо ё пешниҳоди маълумоти иловагӣ кифоя нест, пас ин муҳлат дароз карда мешавад. Нусхаи мактуби Вазорат ба дархосткунанда ва ҷавоби дархосткунанда ба ин мактуб ба ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ замима карда мешаванд.

41. Агар дархост ба талабот ҷавобгӯ ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шуда бошанд, пас мақоми ваколатдор қабули дархостро тасдиқ намуда, онро ба ҳисоб гирифта, рақами баҳисобгирӣ мегузорад ва дархосткунандаро нисбати қарори худ хабардор мекунад.

42. Дархостҳои баҳисобгирифташуда баргардонда намешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
...ФЕХРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
№ ______
"___" __________ с.20____

43. Муайян гардад, ки ҳуҷҷатҳо аз ҷониби шахси барои супоридани дархост ҳуқуқнадошта пешниҳод шудаанд ва ё агар дархосткунанда ба Вазорат ҳуҷҷатҳои ислоҳшуда ё набударо дар муддати муқарраршуда пешниҳод накунад, пас дархосткунанда аз натиҷаи манфии ташхиси пешакӣ огоҳ карда шуда, чунин дархост вориднашуда ҳисобида мешавад.

44. Агар дархосткунанда бо қарори дар натиҷаи баррасии пешакии дархост қабулгардида розӣ нашавад, пас ин масъала мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешавад.

45. Вазорат барои ҳар як намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ муҳлати ниҳоии қабули намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва саршумори онро, ки дар санад (замимаи 7 ба Қоидаҳои мазкур) оварда шудааст, муқаррар менамояд. Ин талабот бояд аз ҷониби Вазорат нашр ва дастраси умум гардонда шавад. Агар саршумор бар хилофи талаботи муқарраргардида пешниҳод гардад, пас он қабул карда намешавад.

46. Намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти кишоварзии ба Вазорат дастрасшаванда бояд рақами инфиродӣ (нишона дар гӯш, гарданбанд, бирка ва ғайра) дошта бошад, ки дар онҳо маълумоти зерин оварда мешавад:

- ному насаб ва суроғаи дархосткунанда;
- номи лотинии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- номи тоҷикии намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ;
- ҳар гуна маълумоти иловагӣ оид ба парвариши ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки селексионер тавсия менамояд;
- номи ба намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ пешниҳодшуда;
- рақами рамзии селексионер.

47. Санҷишҳои расмии аломатҳои мушаххаскунандаи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо мақсади муайян намудани намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва тартиб додани тавсифи расмии он дар давоми 2-3 сол гузаронда мешаванд. Номгӯй ва суроғаи корхонаҳои давлатӣ ва стансияҳои бордоркунии сунъӣ дар санад (замимаи 3 ба Қоидаҳои мазкур) оварда шудааст.

48. Санҷиши расмии аломатҳои муфиди зоти чорво ҳадди ақал дар 3 корхонаи зотпарварӣ дар давоми 2-3 сол гузаронда мешаванд.

49. Санҷишҳои аломатҳои мушаххаскунандаи намуд, тип ва ё зоти ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бояд миқдори лозимаи аломатҳоро барои исбот намудани фарққунандагии зот ва тавсифи пурраи он дар бар гиранд. Усулҳои муайян намудани аломатҳои мазкур бояд дақиқ, қобили қабул, истифода ва боваринок бошанд.

50. Ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар ҳолате фарққунанда ба ҳисоб меравад, ки агар он аз рӯйи як ё якчанд аломатҳояш аз ҳама гуна намудҳои ҳайвоноти кишоварзии дигари дар санаи баҳисобгирии дархост маълуми умумбуда фарқияти дақиқ дошта бошад.

51. Ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар ҳолате ҳамгун ба ҳисоб меравад, ки аломатҳояш, бо назардошти хусусиятҳои афзоиш, дар наслҳои минбаъда ба таври кофӣ як хел зоҳир гарданд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"___" ________ с.20____

52. Ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар ҳолате устувор ҳисобида мешавад, ки аломатҳои ба ҳайвоноти зотии кишоварзӣ хос баъди чандин маротиба афзоиш намудан ё дар ҳолати мавҷуд будани парвариши махсус, бо гузашти сол тағйир наёбанд, яъне устувор боқӣ монанд.

53. Вазорат метавонад бо ташкилотҳои дахлдор ё шахсони алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё берун аз ҳудуди он барои санҷиши аломатҳои мушаххаскунандаи зоти чорво ҳамкорӣ кунад ё натиҷаҳои ин гуна санҷишҳоро, ки пештар дар дигар мамлакат гузаронда шудааст, истифода барад.

54. Баҳодиҳӣ ба аломатҳои муфиди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бо роҳи бо такрорёбии пурра гузарондани санҷиш дар корхонаҳо ва хоҷагиҳо анҷом дода мешавад. Барои баҳодиҳӣ ба аломатҳои муфиди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳамаи аломатҳои мансуб ба парвариши ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ва истифодаи маҳсулоти руёнидашаванда ба инобат гирифта мешаванд.

55. Санҷиши аломатҳои муфиди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ барои парвариш дар хоҷагиҳои парвариши ҳайвоноти зотии кишоварзӣ гузаронда мешавад.

56. Барои чорвои кишоварзӣ, аз қабили гов, гӯсфанд, асп, буз, хук, паранда, занбӯри асал, моҳӣ ва кирмаки абрешим гузарондани ташхиси лабораторӣи маҳсулоти рӯёнидашуда барои муқаррар кардани аломатҳои асосии сифатии зот зарур аст.

57. Гузарондани санҷиши аломатҳои муфиди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ барои як гурӯҳ ҳайвоноти зотии кишоварзӣ, ки дар Тоҷикистон аҳамияти калони иқтисодӣ доранд, ҳатмӣ мебошад. Номгӯйи ин намудҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар санад (замимаи 1 ба Қоидаҳои мазкур) пешбинӣ шудааст.

58. Санҷиши аломатҳои муфиди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар хоҷагиҳо, ташхисҳои лабораторӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ гузаронда мешаванд.

59.Ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар сурати ҷавобгӯ будан ба талаботи зерин дар феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта мешавад:

- фарқкунанда, ҳамгун ва устувор бошад;
- дорои аломатҳои муфиди парваришӣ ва истифодабарӣ бошад (танҳо барои намудхои алоҳидаи чорво, ки санҷиши аломатҳои муфиди онҳо ҳатмӣ мебошад);
- номи мувофиқ дошта бошад.

60. Вазорат новобаста аз мувофиқ будани зот ба талаботи дар банди 59 Қоидаҳои мазкур зикршуда, дар ҳолатхои зерин метавонад онро дар феҳрист ба ҳисоб нагирад:

- агар аломатҳои ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ягон қисмати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи солимии одамон, ҳайвонот ва растаниҳо мухолифат намояд;
- агар парвариши ҳайвоноти зотии кишоварзӣ барои парвариши дигар намуди ҳайвонот зарарнок бошад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ______
“___” ________ с.20____

61. Вазорат дар ҳолатҳои зерин нисбати хориҷ намудани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз феҳристи чорвои зотӣ қарор қабул мекунад:

- агар баъди гузарондани санҷиш маълум гардад, ки намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ фарққунанда, ҳамгуна ё устувор нест;
- агар нигоҳдорандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ вуҷуд надошта бошад ва барои нигаҳдории намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дархост пешниҳод нашуда бошад;
- агар нигоҳдорандаи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ вуҷуд дошта бошад, вале он ҳайвоноти кишоварзиро ба таври даркорӣ нигоҳ дошта натавонад ё ба талаботи дар Қоидаҳои мазкур зикргардида ҷавобгӯ набошад.

62. Вазорат намуди ҳайвоноти кишоварзиро инчунин метавонад аз феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ хориҷ намояд, агар исбот гардад, ки:

- ҳангоми ба Вазорат супоридани дархости баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳрист, маълумоти нодуруст пешниҳод шуда бошад;
- парвариши намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ аз нуқтаи назари сиҳатӣ, барои парвариши дигар зотҳо ё намудҳои чорво зарарнок бошад;
- намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба талабот оид ба ҳифзи солимии одамон, ҳайвонот ва растаниҳо мувофиқ набошад.

63. Муҳлати ибтидоии баҳисобгирии намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳрист 5 солро ташкил медиҳад. Баъд аз 5 сол, Вазорат маълумот оид ба истифодабарии намуди ҳайвоноти кишоварзиро дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳлил намуда, нисбати он хулоса барорад.

64. Агар талаботи Қоидаҳои мазкур иҷро гардад ва намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ҳанӯз дар истеҳсолот қарор дошта бошад, пас он метавонад дар ҳисоби феҳристи намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ боқӣ монад.

65. Барои аз нав ба ҳисоб гирифтани намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ дар феҳрист, се моҳ пештар аз муҳлати баитмомрасии ҳисоби намуди ҳайвоноти зотии кишоварзӣ бояд ба Вазорат дархост пешниҳод карда шавад.

66. Мақоми ваколатдор ба дархостдиҳанда дар бораи қабули қарор нисбати азнавбаҳисобгирии зот ва дар ҳолати қабули қарори манфӣ, нисбати сабабҳои он, маълумот пешкаш менамояд.

67. Дархостдиҳанда дар давоми 30 рӯз бо қарори мақоми ваколатдор шинос карда мешаванд. Агар дархостдиҳанда бо қарори мақоми ваколатдор розӣ набошад, пас масъала барои баррасӣ ба суд пешниҳод карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ____________ с.20_____

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

68. Шахсоне, ки муқаррароти Қоидаҳои мазкурро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"___" ____________ с.20______

Замимаи 1 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

## Номгӯйи ҳайвоноти зотии кишоварзие, ки онҳо дар феҳристи ҳайвоноти зотии кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд

| № р/т | Намуди ҳайвонот | Санҷиши аломатҳои муфид ҳатмист | Бақайдгирӣ дар феҳрист |
|---|---|---|---|
| 1 | Гов | | |
| 2 | Гӯсфанд | | |
| 3 | Буз | | |
| 4 | Асп | | |
| 5 | Паранда | | |
| 6 | Занбӯри асал | | |
| 7 | Моҳӣ | | |
| 8 | Кирми пилла | | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ____________ с.20______

Замимаи 2 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Феҳристи намуд ва зотҳои чорво.
Номгӯйи намуд ва зот, ки дар феҳристи намуд ва зотҳои ҳайвон ба ҳисоб гирифта шудаанд

| Рақами қайд | Номи намуд ва зот | Соли бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ | Рақами рамзии нигоҳдорандаи намуд ва зот | Рамзи мамлакати пайдоиши намуд ва зот | Минтақаҳои барои парвариш тавсия шуда | Самти истифодабарӣ | Шароити парвариш | Дараҷа | Мӯҳлати ба воярасӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1.Чорвои калони шохдор | | | | | | | | | |
| 1. Зоти алои тоҷикии чорвои калони шохдор | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Рақами рамзӣ, ному насаб ва суроғаи нигаҳдорандаи намуд ва зот

| Рақами рамзӣ | Ному насаб | Суроға |
|---|---|---|
| 1 | | |

Рамзӣ давлатии пайдоиши намуд ва зот

| № | Номи тоҷикии давлатҳо | Рамзи давлат |
|---|---|---|
| 1 | | |

Минтақаҳои барои парвариш тавсияшуда

| Номи минтақа | Рақам |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЕРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
«____» ____________ с.20____

Самти истифодабарии намуд ва зоти ҳайвонот

| | |
|---|---|
| 1. | Самти ширӣ- дар давраи ширдӯшӣ (305 рӯз) аз 1 сар модагов |
| | 5500 кг (аз 5000 то 9000 кг) бо равғаннокии 3,85 (аз 3,80 то 4,20 %) гирифта мешавад |

Шароити парвариш

| | |
|---|---|
| | Дар хоҷагиҳои зотпарварӣ, фермаҳои зотпарварӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва шахсӣ (комплексҳо, фермаҳо, оғилхонаҳо); хӯронидани чорво аз хӯрокҳои истеҳсоли худӣ, шароити нигоҳдорӣ, оғили майдончаҳои сайру гашт, баста ё нобаста нигоҳ доштан |
| | |

Дарача

| | |
|---|---|
| | Дараҷанокии фарбеҳӣ-баланд ва миёна, дараҷанокии чорво-элита |
| | рекорд, элита ва синфи 1-ум |

Муҳлати бавоярасӣ

| | |
|---|---|
| | Зоти алои тоҷикии чорвои калони шохдор бояд чунин вазнафзункунӣ дошта бошад:<br>аз таваллуд то 3 - моҳагӣ-750 г;<br>аз 3 то 6 - моҳагӣ-650 г;<br>аз 6 то 12 - моҳагӣ 600 г;<br>аз 12 то 18 - моҳагӣ-550 г;<br>дар 18 - моҳагӣ вазни зинда – 320-350 кг;<br>модаговҳо 450-550 кг;<br>буққаҳо-750-1000 кг |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № __________
"____" ______________ с.20______

Замимаи 3 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Номгӯй ва суроғаи корхонаҳои давлатӣ ва
стансияҳои бордоркунии сунъӣ

| Номи стансия ва шаҷараҳои зотпарварӣ | Ҷойгиршавии стансия ва шаҷараҳои зотпарварӣ |
|---|---|
| 1. Вилояти Суғд | |
| Стансияи зотпарварии вилояти Суғд | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи Б.Махсуд | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии “Палос” | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи С.Урунхӯҷаев | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи А.Ҷумъаев | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии “Зарзамин” | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров |
| Хоҷагии зотпарварии “Навгилем” | шаҳри Исфара |
| 2. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | |
| Стансияи зотпарварӣ дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳур | ноҳияи Рӯдакӣ |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи Л.Муродов | шаҳри Ҳисор |
| Хоҷагии зотпарварии ба номи А.Юсупов | шаҳри Ҳисор |
| Хоҷагии зотпарварии “Баракати чорводор” | шаҳри Ҳисор |
| | |
| | |
| | |
| | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ______________с.20______

Замимаи 4 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Намунаи дархост барои баҳисобгирии намуд ва зот дар феҳристи намуд ва зотҳои ҳайвони кишоварзӣ

Намунаи №1

| | |
|---|---|
| Рақами | □ □□□□ |
| Санаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ | □ □ □□ □□<br>(рӯз, моҳ, сол) |

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорво

## ДАРХОСТ
Барои қабули зот

| | |
|---|---|
| 1.Маълумот дар бораи дархостшаванда: | |
| Номи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ | |
| Суроға | |
| Телефон | |
| 1. Шаҳрванд | |
| 2. Маълумот дар бораи селексионер | |
| 2.Номи шахсӣ, воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ | |
| 3.Суроға | |
| 4.Телефон | |
| 5. Намуд ва зоти чорво | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № __________
“____” ______________ с.20______

| | |
|---|---|
| 6. Зоти чорво | |
| 7. Номи чорво | |
| 8. Рақами рамзии селексионер | |
| 9. Дархости пешина пешниҳодардашуда,<br><br>Санаи пешниҳоди дархости пешина | |
| 10. Оё зот дорои маводди такмилдодашуда мебошад? | |
| 11. Ҳуҷҷатҳои ба дархост замимашаванда | - маълумотнома оид ба ҳиссаи иштирокдорон барои баровардани зоти нав (намунаи №2);<br>- варақаи зот (намунаи 3);<br>- тавсифи зот, (ба шакли озод);<br>- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи пешниҳоди дархост (барои селексионер);<br>- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти ҳуқуқи хизмат барои омӯзиши дархост ва санҷиши пешакӣ;<br>- расмҳо (бо ченкунӣ), маҳсулнокӣ, ранг, вазни зинда, ченакҳои қадду қомат, синну сол ва дигар аломатҳои ирсию маҳсулнокӣ |
| 12.Тасдиқнома: | Мо тасдиқ менамоем, ки маълумоти дар дархост қайдгардида дуруст мебошад. Мо тасдиқ менамоем, ки ройгон ва мӯҳлати муайяншуда миқдори лозимаи нутфа ва чорворо ба Комиссияи давлатии озмоиши зоти чорво барои гузарондани санҷиши расмӣ пешниҳод менамоем |
| Имзои дархосткунанда<br><br>Мухр | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № __________
"____" ______________ с.20______

Намунаи маълумотнома

Намунаи №2

| Рақами | |
|---|---|
| Санаи бақайдгирӣ | (руз, мод, сол) |

Вазорати кишоварзии Ҷумхурии Тоҷикистон
Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорво

Маълумотнома
оид ба ҳиссаи иштирокдорон барои баровардани намуд, зот ва ҷинси чорво

1.Намуд - чорвои калони шохдор
.....................................................................

2.Зот- зоти алои тоҷикии чорвои калони шохдор
.................. ...................................................................

3.Муаллиф (он):...........................................................................................

| № | Ному насаб | Ҳисса, % | Суроға |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Маълумот медиҳам (ем), ки дигар муаллифони ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд.

Имзои дархостдиҳанда: ___________ ______
Мухр

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № _________
"____" ______________ с.20______

Замимаи 5 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Тарҳи низоми қайди дархостҳо

| Намуди чорво | Рақами инфиродии дархост/рамзи намуд, зот, ҷинси чорво. Рақами рамзии селексионер | Номи дархосткунанда | Номи намуд, зот ва ҷинси чорво | Рақами тартибии дархост (дар соли ҷорӣ) ва санаи воридшавии он | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

ВАЗОРАТИ АГРИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ____________ с.20_____

Замимаи 6 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Ҷадвали солонаи қабули дархостҳо

| Номи тоҷикии чорво | Номи додани намуди чорво | Номи ба намуд, зот, ҷинси пешниҳодшуда | Рақами рамзии селексионер | Ному насаби дархосткунанда, суроғаи ӯ ва суроға барои мукотиба | Ному насаб ва суроғаи нигоҳдорандаи намуд, зот, ҷинс | Мамлакате, ки дар он намуд, зот, ҷинс, бароварда шудааст | Ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти ҳаққи хизмат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ____________ с.20______

Замимаи 7 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

## Миқдори намуд. зот, ҷинси чорво ва санаи охирини пешниҳоди он ба мақоми ваклдатдор барои гузарондани санҷиши расмӣ бо мақсади баҳисобгирии намуд, зот, ҷинси чорво дар феҳристи давлатӣ

| Намуд, зот, ҷинси чорво | Миқдори саршумор, сар | Ноҳиябандӣ ва паҳншавӣ, намуд, зот, ҷинси чорво | Такроръёбӣ | Миқдори чорвои наслдеҳ (нарина), сар | Муҳлати истифодабарӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

ВАЗОРАТИ А ЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
"____" ____________ с.20______

Замимаи 8 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Намунаи дархост барои қать ё ивазшавии нигаҳдорандаи намуд, зот, ҷинси чорво

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
------------------------------------------------------------

аз---------------------------------------------------

ДАРХОСТ

Аз сабаби
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
________________________________________

қатъ ё ивазшавии нигаҳдоранда (намуд, зот, ҷинси чорво)-и

намуд, зот, ҷинси чорво ____________________________ намуд, зот, ҷинси чорво ________________ хоҳиш менамоем, ки намуд, зот, ҷинси чорворо қатъ (ё)

нигаҳдорандаи намуд, зот, ҷинси чорво иваз намоед.

Барои ивазкунии нигахдорандаи намуд, зот, ҷинси чорво кафолат дода мешавад.

| ______________ | ______________ | ________________________ |
|---|---|---|
| Вазифа | Имзо | Ному насаб |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № __________
"____" ______________ с.20______

Замимаи 9 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Намунаи дархост барои баҳисобгирии шахсоне, ки хоҳиши аз нав ба ҳисоб гирифтани намуд, зот, ҷинси чорво доранд, ки баҳисобгирии он ба итмом расидааст

Вазорати икшоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
---------------------------------------------------------------

аз------------------------------------------------------

ДАРХОСТ

Аз сабаби ба итмом расидани муҳлати баҳисобгирии намуд, зот, ҷинси чорво______________хоҳиш менамоем, ки он аз нав то санаи_____________

ба феҳристи намуд, зот, ҷинси чорво ба ҳисоб гирифтан дастур диҳед.

Барои азнавбаҳисобгирӣ ва нигаҳдории намуд, зот, ҷинси чорвои номбурда дар феҳристи зотпарварӣ кафолат дода мешавад.

| ______________ | ______________ | ______________ |
|---|---|---|
| Вазифа | Имзо | Ному насаб |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № _________
"____" ____________ с.20______

Замимаи 10 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ХУШЗОТКУНӢ ВА БОРДОРКУНИИ СУНЪИИ ЧОРВО

______________________________________________

______________________________________________

№_

аз «    » ____ соли 20____

______________________

______________________

## ДАРХОСТ

Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорво номи пешниҳоднамудаи намуд, зот, ҷинси чорвои навъи__________________ қобили қабул намешуморад.

Аз ин лиҳоз аз Шумо хоҳиш менамоем, ки дар муҳлати 3 моҳ номи дигарро ба намуд, зот, ҷинси чорво пешниҳод намоед. Номи пешниҳодшудаи намуд, зот, ҷинси чорво ба талаботҳои амалкунандаи Қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ бошад.

______________ ______________ ______________

Вазифа Имзо Ному насаб

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № ________
“____” ____________ с.20______

Замимаи 11 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Намунаи дархост барои ворид намудани тағйирот ба номи намуд, зот, ҷинси чорво

Ба сардори Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________________________________

аз______________________

ДАРХОСТ

Аз сабаби____________________________________________________ хоҳиш

менамоем, ки ба номи намуд, зот, ҷинси __________________чорво

тағйирот ворид намоед.

Қарори шурои олимон ё________________________________________ замима мегардад.

Барои ворид намудани тағйирот ба номи намуд, зот, ҷинси ___________ чорво________________________ кафолат дода мешавад.

| ______________ | ______________ | ________________________ |
| --- | --- | --- |
| Вазифа | Имзо | Ному насаб |

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № _________
"____"_____________с.20______

Замимаи 12 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Намунаи мактуби равон намудани намунаи намуд, зот, ҷинси ба Муассисаи давлатии "Лабораторияи ҷумҳуриявии назорати иммуногенетикӣ"

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ХУШЗОТКУНӢ ВА БОРДОРКУНИИ СУНЪИИ ЧОРВО

_______________________________________________________________________

_______________________________________________________________________

№_

аз «  »____ соли 20__

Ба директории Муассисаи давлатии «Лабораторияи ҷумҳуриявии назорати иммуногенетикӣ»

___________________________________

Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади нигаҳдории доимии захираи генетикии намуд, зот, ҷинси _________ чорвои ____________ ки аз (чорвои зиндаи зотӣ, нутфа, ҷанин) иборат аст, тибқи тартиби гузарондани баҳисобгирӣ ва ҳифзи намудҳои чорво ирсол менамояд.

______________ Вазифа ______________ Имзо ______________ Ному насаб

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № _________
"____" ____________ с.20______

Замимаи 13 ба Қоида ва шаклҳои баҳисобгирии ҳайвоноти зотии кишоварзӣ

Хулосаи комиссияи ташхиси Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулосаи комиссияи ташхиси Муассисаи ҷумҳуриявии хушзоткунӣ ва бордоркунии сунъии чорвои Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости ба ______________________чорвои зотӣ____________

________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
________________________________________________________________________
_____________________________________________

Раиси комиссияи ташхис (коршинос):

Ҳайати комиссияи ташхис (коршинос):

Муҳр

ВАЗОРАТИ АГ... ЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶ...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № __________
“____” ______________с.20______